ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРАВИТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Вазорату идораҳо (тибқи руйхат) аъзои Платформаи миллӣ**

**Барои иҷро**

Ба Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ

№ 85102(51-7)

28 - 02 2015 **М.Алимардон**

Рӯйхати

вазорату идораҳо тибқи супориши №

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи илмҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҷамъияти миллии Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Лохутӣ 26, Тел.: 223-10-09, Факс: 221-91-19
Почтаи электронӣ: najot@rs.tj, Веб-сайт: www. khf. tj.

№ 8/1-89 аз «15» январи с. 2015
Ба № 2512/40 (31-6) аз «3» 12 с 2014

Ба муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муродалӣ Алимардон

Мӯҳтарам Муродалӣ Алимардон!

Ба иншонии Шумо лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои таҳияшудаи маҷлиси панҷуми Платформаи миллии Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро аз 23 декабри соли 2014 барои тасдиқ намудан, ирсол менамоем.

Замима: дар ҳаҷми 12 (дувоздаҳ) варақ.

Бо эҳтиром,

Раис [signature] Х. Абдураҳимов

Протоколи
маҷлиси Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

23 декабри соли 2014 №5 ш. Душанбе

Раисикунанда: раиси Платформаи миллӣ М.Алимардон

Иштирок намуданд: Абдураҳимов Х.С. (муовини аввали раиси Платформаи миллӣ), Камолов Ҷ.Ҷ. (котиби масъули Платформаи миллӣ), Ҳусейнов Д., Нуралиев Н.Ф., Холикзода А., Соҳибов Ш.К., Зеваршоев З.Т., Ҷаъфаров Н.Ҷ., Ш.Назрӣ, Исмонов Ф. Б., Раҳимзода С.Н., Рӯзизода А.Ҳ., Наҷмиддинов А.Ю., Исмаилова М. С., Шарипова О.Т., Ҳикматзода А.Ҳ, Ғафоров Б.А., Маҳмадалиев А.Ғ., Одинаев С., Мамадҷонов Ю.М., Мирова Д.С., ва ғайра.

Ба ҳайси нозирон - намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо иштирок намуданд: Идораи Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд – Анвар Сабзалиев, Барномаи рушди СММ – Алиона Никулита, Фирдавс Файзуллоев, Валиҷон Раноев, Ташкилоти Фокус - Шодмон Ҳоҷибеков, Фаридун Назриев, Барномаи умумиҷаҳонии озука - Раффаеле Ричетти, Хазинаи СММ оид ба кумаки кудакон UNICEF - Сара МакГинти, Ташкилоти ғайридавлатии АКТЕД - Роза Қурбонова, Ташкилоти ғайридавлатии Агроаксиян Олмон – Давлатбек Давлатов, Ташкилоти ғайридавлатии Оксфам – Бочан Колунджия, Зубайдулло Каримов, Ташкилоти Ғайридавлатии КАРИТАС Швейцария - Ян Хелсен, Сади Одинашоев, Ташкилоти ғайридавлатии Ҳелвитас - Фахриддин Каримов, Ташкилоти ғайридавлатии «Наҷоти кӯдакон» - Фароғат Мирзоева, Абдуҷаббор Хакимов, ДИПЕКО - Андреа Багноли, Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Салиби Сурхи Олмон ва Федерацияи Байналхалқии Салиби Сурх Умед Сайдуниев ва ғайра.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Иҷрои супоришҳои қарори Протоколи Платформаи миллӣ аз 24 июли соли 2014 №4;
2. Масъалаҳои омодагӣ ба Конфронси умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, ш.Сендайи Япония;
3. Рафти иҷрои татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ;
4. Масъалаҳои ҷорӣ.

ШУНИДА ШУД:

Маҷлиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро дар соли 2014 раиси Платформаи миллӣ М. Алимардон ифтитоҳ бахшида, мақсади ҷамъшавиро дар маҷлиси

навбатии Платформаи миллӣ тавсиф дод. Ҳамзамон, таваҷҷӯҳи хозиринро ҷиҳати масъалаи пешгирии хавфи сарзадани офатҳои табиӣ ва омодагӣ ба онҳоро баён намуд.

БАРОМАД НАМУДАНД:

Аз рӯи масъалаи якум Аъзоёни Платформаи миллӣ: Ҷаъфаров Н.Ҷ., Зеваршоев З.Т., Наҷмиддинов А.Ю., Шарипова О., Маҳмадалиев А.Ғ., Мамадҷонов Ю.М., Ғафоров Б.А., Одинаев С. баромад намуданд.

Аз рӯи масъалаи дуюм муовини якуми раиси Платформаи миллӣ Абдураҳимов Х.С. баромад карда, дар бораи зарурати иштироки ҳайати Платформаи миллӣ дар кори Конфронси умумиҷаҳонии сеюми СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ моҳи марти соли 2015 дар шаҳри Сендайи Япония, ки дар «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ баъд аз 2015 –ХПД-2» қабул карда мешавад, иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи сеюм намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ: Идораи Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд, Барномаи рушди СММ, Ташкилоти Фокус, Ташкилоти ғайридавлатии АКТЕД дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ғайридавлатии Ҳелвитас, Ташкилоти ғайридавлатии Агроаксияи Олмон, Ташкилоти ғайридавлатии Оксфам, Ташкилоти Ғайридавлатии КАРИТАС Швейцария, Ташкилоти ғайридавлатии «Наҷоти кӯдакон», Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Салиби Сурхи Олмон ва Федерацияи Байналхалқии Салиби Сурх баромад намуданд.

Аъзоёни Платформаи миллӣ дар муҳокимаи масъалаи мазкур иштирок намуда, тасдиқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро аз тарафи раиси Платформаи миллӣ қобили қабул донистанд.

ДАР МУҲОКИМАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Маҳмадалиев А.Ғ., Мамадҷонов Ю.М., Мирова Д.С., Ғафоров Б.А.

Дар охир, раиси Платформаи миллӣ таваҷҷӯҳи аъзоёнро ҷиҳати баланд бардоштани имкониятҳои котиботи Платформаи миллӣ, ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан БР СММ ба иҷрои корҳои амалӣ, пешниҳоди лоиҳаҳо аз ҷониби вазорату идораҳо тибқи самтҳои афзалиятнок, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, таклиф намуд.

Баъд аз баромади муовини раиси Платформаи миллӣ, аъзоёни Платформаи миллӣ, котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Тавсияи Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба Комиссияи Давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҷиҳати баргузории маҷлиси махсуси Комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи вилоятҳо, шаҳрҳо ноҳияҳо вобаста ба баррасии масъалаҳои пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиии соли 2015 пешниҳод карда шавад.
2. Ахбороти аъзоёни Платформаи миллӣ оид ба иҷрои супоришҳои қарори Протоколи Платформаи миллӣ аз 24 июли соли 2014 №4, аз ҷумла, оид ба натиҷаҳои самарабахши сафари ҳайати Платформаи миллӣ ба ИМА (7-15.09.2014), ба маълумот гирифта шаванд;
3. Мувофиқи мақсад шуморида шавад, ки лоиҳаи «Низомнома ва Ҳайати Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда» дар таҳрири нав барои мувофиқа ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда шавад.
4. Иштироки Ҳайати Платформаи миллӣ дар кори Конфронси умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар ш. Сендайи Япония дар ҳайати зерин мувофиқи мақсад дониста шавад:
   - Раиси Платформаи миллӣ-Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - Муовини якуми Раиси Платформаи миллӣ – Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - Аъзои Платформаи миллӣ - Муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - Аъзои Платформаи миллӣ - Муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - Аъзои Платформаи миллӣ - Муовини якуми вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - Аъзои Платформаи миллӣ - Директори Институти сейсмология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва геологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - Котиби масъули Платформаи миллӣ – Сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ:
   – масъалаи иштироки фаъоли Ҳайати Платформаи миллӣ дар кори сессияҳои Конфронси умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар ш. Сендайи Япония, мавриди баррасӣ қарор дода, асосноккунонии иштироки ҳар як аъзои Платформаи миллӣ ва ё дигар вазорату идораҳоро пешниҳод намоянд;
   – пешниҳодот оид ба муайянсозии манбаъи маблағгузорӣ аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати иштироки Ҳайати аниқшудаи Платформаи миллӣ ва баромадҳо бо забони англисӣ дар мавзӯъҳои алоҳидаи Конфронси мазкур манзур намуда, маводҳои зарурӣро барои иштироки онҳо омода намоянд.
6. Ташкилотҳои байналмилалӣ:
   - барои дастгирии молиявии иштироки Ҳайати Платформаи миллӣ дар ин чорабинии муҳим барои кишвари мо - Конфронси

умумиҷаҳонии сеюм оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар ш. Сендайи Япония, мусоидат намоянд;

- хоҳиш карда шавад, ки татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар мувофиқа бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистона ба роҳ монда шуда, корҳои амалӣ ва пешгирикунандаи офатҳои табиӣ зиёдтар иҷро карда шаванд;

7. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:
   - ҳисоботи пурра оид ба татбиқи «Барномаи амалиёти Хиого оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» аз ҷониби котиботи Платформаи миллӣ тариқи он-лайн ба сомонаи Стратегияи байналмилалии СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ www.preventionweb.net бо мусоидати Барномаи рушди СММ ба забони англисӣ ворид карда шавад;
   - татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ зери назорат қарор дода, аз рафти онҳо ба Платформаи миллӣ мунтазам ахборот пешниҳод намояд;
   - дар якҷоягӣ бо БР СММ масъалаи ташкили котиботи озодро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифҳои мушаххас нисбат ба фаъолияти пурсамари он пешниҳод намоянд.
8. Тасдиқ карда шавад:
   - «Ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ»;
   - «Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои аъзои Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ»;
   - «Ангори (эскиз)-и саҳифаи сомонаи интернетии Платформаи миллӣ бо нишон».

Раиси Платформаи миллӣ оид ба
паст кардани хавфи офатҳои табиӣ — М. Алимардон

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ
Муродалӣ Алимардон
«28» «январи» соли 2015

## Ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Мамадҷонов Ю.М., Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Роҳбари гурӯҳ);

Ҳусейнов Д., Сармутахассиси Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Муовини Роҳбари гурӯҳ);

Нуралиев Н.Н., Сармутахассиси Раёсати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Каримов С., Муовини Директори КВД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашию кофтукобӣ»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Гулов Т.Г., Сардори Раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Иброҳимов С., Мудири Бахши ҳолатҳои фавқулоддаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Набиев Ҳ., Ҳамоҳангсози корҳои мудофиаи гражданини Дастгоҳи марказии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Саидов М., Директори Маркази илмию тадқиқотии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Тағоев О., Мудири Бахши мониторинги барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Тағойбеков А., и.в. Сардори Маркази яхшиносии Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Тагойбеков Ш., Сардори Шуъбаи барномаҳои мақсаднокп давлатӣ ва амалӣ гардонидани онн Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Азизов З., Сардори КВД «Селмуҳофизат»-и Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Қурбоналиев Ф., Сардори Бахши аксбардорӣ-геологии КВ «Экспедитсияи гидрогеологии Ҷанубӣ»-и Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ниёзов А.С., Мудири Лабораторияи геодинамика ва геологияи минтақавии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Камолов Ҷ.Ҷ., Сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданин назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ
Муродалӣ Алимардон

«28» «январи» соли 2015

Уҳдадориҳо ва вазифаҳои
аъзои Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Раиси Платформаи миллӣ

- роҳбарӣ аз болои фаъолияти Платформаи миллӣ;
- гузаронидани маҷлисҳои Платформаи миллӣ;
- тасдиқи нақшаи кории Платформаи миллӣ, протоколҳои маҷлисҳо;
- тасдиқ намудани ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои аъзоёни Платформаи миллӣ;
- тасдиқи ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Платформаи миллӣ;
- пешниҳод намудани масъалаҳо аз номи Платформаи миллӣ барои баррасӣ дар Комиссияи оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ.
- пешниҳоди ҳисоботҳои мунтазам барои Стратегияи байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиии Созмони Милали Муттаҳид доир ба вазъият ва фаъолияти Платформаи миллӣ ва шарҳи иҷрои Барномаи амалиёти Хиого;

Муовини якуми раиси Платформаи миллӣ

- иҷрои вазифаҳои Раиси Платформаи миллӣ ҳангоми набудани ӯ;
- роҳбарӣ намудани фаъолияти Котиби масъули Платформаи миллӣ;
- татбиқ ва равонасозии фаъолияти аъзои гурӯҳи РЕАКТ дар кори Платформаи миллӣ;
- баррасии лоиҳаи нақшаи маҷлисҳои Платформаи миллӣ, протоколҳо ва ҳисоботҳо ва пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Раиси Платформаи Миллӣ;
- таъминоти ташкилию техникии кори Платформаи миллӣ;
- таъмини ҳамкориҳои байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданин назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда.

Муовини раиси Платформаи миллӣ

- иҷрои вазифаҳои муовини якуми раиси Платформаи миллӣ ё Раиси Платформаи миллӣ ҳангоми набудани онҳо;
- равонасозии фаъолияти Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи Миллӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ ва Шӯрои илмӣ-техникӣ;

8. Муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

- таҳияи рӯйхати мавод ва истеҳсолоти хатарнок;
- гузаронидани мониторинги мавод ва истеҳсолоти хатарнок дар асоси санҷиши (баҳодиҳии) гузаронидашудаи хатар. Пешниҳод намудани хулосаҳо ва тавсияҳои муносиб.

9. Муовини раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- татбиқи сиёсати миллии оид ба истифодабарии замин ва банақшагирии он;
- гузаронидани таҳлили имкониятҳои якҷоясозии идоракунии хатари офатҳои табиӣ бо нақшаҳои истифодабарии замин.

10. Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- таъмини мониторинги иҷроиши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо;
- ҳамкорӣ ва амали якҷоя бо созмонҳои минтақавӣ, байналмилалӣ, донорҳо ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда дар соҳаи паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ.

11. Муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- мониторинги ифлосшавии муҳити зист (ҳавои атмосферӣ, замин, манбаъҳои оби дарёҳо ва ғайра);
- мониторинги татбиқи рафти амалигардонии Барномаи пилотӣ оиди мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;
- мониторинги зуҳуротҳои фалокатовари гидрометеорологӣ (пешгӯиҳои гидрологӣ, фаромадани тарма ва ғайраҳо).

12. Муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба фаъолияти Платформаи Миллӣ;
- муайян намудани механизмҳои пахншавии иттилоот тавассути воситаҳои ахбори омма ва низоми телекоммуникатсионӣ дар бораи хатарҳои мавҷудаи офатҳои табиӣ;
- ташкил кардани доираи барномаҳо дар радио ва телевизион оид ба масъалаҳои марбут ба идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз офатҳои табиӣ ва паст кардани оқибатҳои он. Қисмати мазкур бояд ба кӯдакон ва кор тавассути низоми маориф нигаронида шавад.

13. Муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ташкил кардани мониторинг оид ба иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ;
- андешидани тадбирҳо оид ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар доираи барномаҳои амалкунанда.

14. Муовини сардори Саридораи геологияи назди Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва амалӣ гардонии идоракунии давлатӣ дар соҳаи омӯзиш, азнавбарқароркунӣ, истифода ва ҳифзи қаъри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- амалигардонии мониторинги давлатии ҳолати қаъри замин, пешбинӣ намудани дурнамоиҳои ҳолати муҳандисӣ-геологӣ ва гидрологии муҳити зист ва назорати тартиби дурусти бурдани он;
-ташкил ва пешбарии кори хадамоти давлатии мушоҳидаи равандҳои хатарноки экзогении экологӣ. Пешниҳоди хулосаҳо оид ба таъсири равандҳои мазкур ба қитъаҳои замини таҳти таҳқиқот қарор гирифта ва тавсияҳо барои бартараф намудани хатар.

15. Ноиби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

- пешниҳоди таклифҳо ба баррасии Платформаи миллӣ доир ба таъсис додани шӯрои ҳамоҳангсози илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ;
- баҳодиҳии (санҷиши) тавонмандӣ дар робита бо гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ доир ба офатҳои табиӣ.

16. Директори Институти сейсмология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва геологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

- татбиқи сиёсати миллӣ дар соҳаи бехатарии сейсмикӣ;
- пешниҳоди таклифҳо доир ба таъсис додани низоми ягонаи миллии мониторинги сейсмикӣ ҳамчун асоси ташкил намудани хадамот оид ба пешгирӣ ва огоҳсозӣ аз заминларзаҳои шадид;
- роҳбарӣ намудан аз болои фаъолияти Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ;
- тасдиқ намудани вазифаҳои техникӣ барои Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ;
- тасдиқ намудани нақшаҳо ва ҳисоботҳои Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ.

17. Муовини котиби генералии Ҷамъияти Миллии Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон

- рушди шумораи ихтиёриён ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ;
- гузаронидани баҳодиҳӣ оиди ниёзмандии аҳолии осебпазир ҳангоми ҲФ (мувофиқи имкониятҳои мавҷуда);
- андешидани чораҳо оид ба ташкили захираҳои пешакии кӯмаки фаврӣ ба зарардидагон ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ;
- таҳия ва иҷрои барномаҳо оид ба омӯзонидани аҳолӣ дар мавзӯъҳои марбут ба омодагӣ ва вокуниш ҳангоми сар задани ҲФ, расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ, махсусан аҳамияти махсус додан ба занҳо ва кӯдакон.